**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна соли 2013 факултети забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода)-ро бо ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) хатм кардааст. Мавсуф аз моҳи сентябри соли 2018 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD)-и кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода қабул гардида, мавзуи илмиаш таҳти унвони «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)» бо қарори ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода аз 30-юми майи соли 2019, №10/4-1 тасдиқ шудааст.

Таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳо ва вижагиҳои тарҷумаи асарҳои бадеӣ (чи насрӣ ва чи назмӣ), хусусан соматизмҳо, яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ мавқеи устувор касб кардааст. Омӯзиши ҷанбаҳои муқоисавии тарҷумаи осори назмӣ ва насрии ин ё он забон аз назари забоншиносии фарҳангӣ имкон фароҳам меовард, ки бо фарҳанг ва расму анъанаи ин ё он кишвари мавриди таҳқиқ аз наздик ошноӣ пайдо намоем. Ҳамчунин, пажуҳиши паҳлуҳои гуногуни лексикаи забонҳои муқоисашаванда муносибати соҳибзабононро бо олами атроф беҳтар нишон медиҳад, ки онро метавон ҳамчун тасвири забонии ҷаҳони ин ё он мардум шинохт.

Мавзуи дисертасияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар ҳамин замин таҳия гардида, аз муҳимтарин таҳқиқот дар бахши таҳқиқи вижагиҳои тарҷумаи асарҳои бадеӣ, алалхусус «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки ҳарчанд дар забоншиносии муқоисавии тоҷик «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ мавриди пажӯҳиши ҷудогона қарор гирифта бошад ҳам, аммо то ҳол вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар забони тоҷикӣ, бахусус дар бахши забоншиносии

муқоисавӣ таҳқиқ нашуда, ҳамчун як ҷузъи норавшан барои ҳаводорони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ боқӣ монда буд. Бинобар ин, пажӯҳиши мазкур метавонад, ки дар ин масъала равшанӣ андозад. Кори таҳқиқотии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо тақсим мешаванд. Дар сарсухан муаллиф муҳимияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаҳои таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқотро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Муаллиф дар боби аввал «Масъалаҳои назариявии тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва таҳқиқи соматизмҳо дар матнҳои он», ки дар навбати худ аз 7 фасл иборат мебошад, доир ба асосҳои назариявии таҳқиқот, масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуъ маълумот додааст. Ҳамчунин, дар боби мазкур доир ба забони истилоҳи «соматизм» дар забоншиносӣ ва андешаҳои забоншиносон доир ба истифодаи он, соматизмҳо дар тасвири забонии ҷаҳон, таснифоти соматизмҳо дар забоншиносӣ иттилоъ дода мешавад. Ғайр аз масъалаҳои матрахшуда, дар боби мазкур муаллифи диссертатсия доир ба «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва корбурди соматизмҳо дар он, инчунин, тарҷумаҳои «Гулистон»-и С. Шерозӣ ва хусусиятҳои тарҷумавии соматизмҳо дар асарҳои бадеӣ маълумот медиҳад. Ҳамин тавр, боби якумро муҳаққиқ илман ва мантиқан дуруст масъалагузорӣ намуда, вижагиҳои тарҷумаи англисии асарҳои бадеиро дар мисоли «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар боби дуюм «Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои берунии инсон дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ» муаллифи диссертатсия тарҷумаи соматизмҳои қисмати сару гардан: «рӯй», «риш» «забон», «дандон», «даҳон», «чашм», «мижгон»,«абрӯ», «сар», «мӯй» «гардан», «гӯш», «лаб» ва соматизмҳои қисмати дасту по: «даст», «ангушт» «бағал», «китф», «бозу», «панҷа (ангушт)», «каф», «по», «зону» ва «рон» мавриди таҳқиқ қарор додааст. Боби мазкурро аз 6 фасл ва 16 зерфасл мураттаб намуда, дар фаслҳои он доир ба тарҷумаи соматизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ маълумот додааст.

Боби сеюмро муаллиф ба таҳлили вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои дохилии инсон ва зоосоматизмҳо дар «Гулистон»- и Саъдии Шерозӣ бахшида, онро аз се фасл ва зерфаслҳо мураттаб намудааст. Фасли якумро муаллифи рисола ба баррасии мавзуъ бахшида, дар фасли дувуми боби мазкур хусусиятҳои маънoии тарҷумаи англисии

соматизмҳои «дил» , «шикам», «меъда», «рӯда», «раг», «шоҳраг» ва «хун» таҳлил шуда, мавқеи муайян доштани тарҷумаи соматизмҳо дар тарҷумаҳои «Гулисон» зикр намудааст. Фасли сеюми боби мазкурро муаллифи диссератсия ба таҳлили вижагиҳои тарҷумаи англисии зоосоматизмҳо дар тарҷумаҳои «Гуслистон»-и Саъдии Шерозӣ бахшидааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия диссертант 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳурияӣ ва байналхалқӣ ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи барасмиятдарории диссертатсия омода гардида, фишурдаи муҳтавои диссертасияро фаро мегирад.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос пурра мувофиқат намуда, дастгоҳи илмии он ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва атореферати диссертатсия», ки бо қарор Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст, хотимаёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Муаллифи диссертатсия Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна имтиҳонҳои маҷмуии муқарраршударо аз рӯйи ихтисос супоридааст. Аз таълифи диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хуб бо дастовардҳои забоншиносии муосир хуб ошно буда, аз маводи забонӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ

(6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матробиён Саодатшо Қосимзода

25.05.2023
Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42
E-mail: s.matrobov@mail.ru
Тел: (+992)93 508 71 38

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Имзои С.Қ.Матробиёнро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Файзалӣ

25-уми майи соли 2023